«Тасдиқ мекунам»
Ректори МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»,
доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессор ________ Қурбонзода М.Р.
«__» ________ 2026 с

# ПРОТОКОЛ

Ҷаласаи васеъи ғайринавбатии кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатии факултети сиёсат ва идораи давлатии МТД «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»

аз 03 феврали соли 2026. ш. Бохтар

**Раискунанда: н.и.х., Ҷаборов Д.А.**

**Котиб: Давлатова М.Ҳ.**

**Иштирок карданд:** мудири кафедра, н.и.ҳ., Ҷаборов Д.А., муовини ректори Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, д.и.ҳ., профессор Сафарбекзода Ҳ.С., декани факултет н.и.ҳ., дотсент Қодирзода Б.Б. н.и.ҳ., дотсент Абдураҳимзода С.Қ., н.и.ҳ., дотсент Аминзода А.Х., н.и.с., дотсент Мамадғафуров И.Э., омӯзгор Муҳиддинов А.Д., омӯзгор Давлатов В.А., н.и.ф. Субҳонзода С.И., н.и.с. Раҷабализода С.Р., омӯзгор Ҳамрозода М.Ҳ., омӯзгор Раҳимов Х.З., ва омӯзгор Давлатова М.Ҳ. (Ҳамчунин иштирок доштанд мутахассисон аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ: д.и.ҳ., профессори кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, Назаров А.Қ., н.и.ҳ., дотсентони кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, Раҳмонзода М.Ҷ., Мирзозода Қ.Х. ва Холиқов Ш.Л.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

**1. Муҳокимаи рисолаи диссертатсионии унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатии факултети сиёсат ва идораи давлатии Донишгоҳи давлатии**

**Бохтар ба номи Носири Хусрав Ҳомидзода Ҷонибек Убайд дар мавзуи «Таҳқиқоти ҳуқуқӣ-ҷиноятии ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ**

**Роҳбарии илмӣ:** Назаров Аваз Қувватович – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Оид ба масъалаи мазкур унвонҷӯ Ҳомидзода Ҷонибек Убайд баромад намуда, дар бораи сохтор, муҳиммият ва рӯзмаррагӣ, вазифа, мақсад ва навгониҳои илмии таҳқиқи диссертатсионии худ маълумот дода, иброз намуд, ки мубрамияти таҳқиқоти диссертатсионӣ бо зарурати таҳлили амиқ ва ҳамаҷонибаи ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ дар шароити муосири рушди ҷомеа ва давлатдории Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда мешавад. Дар замони ҷаҳонишавӣ, густариши равандҳои ҳамгироии байналмилалӣ ва афзоиши таҳдидҳои фаромиллӣ, чунин ҷиноятҳо, аз ҷумла коррупсия, экстремизм ва дигар намудҳои ҷиноятҳои пешбининамудаи санадҳои байналмилалӣ, ба амнияти миллӣ, суботи иҷтимоӣ ва рушди устувори давлат таҳдиди ҷиддӣ эҷод менамоянд.

Бо вуҷуди андешидани тадбирҳои қонунгузорӣ ва ташкилӣ, таҷриба нишон медиҳад, ки механизми муқовимат ба ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ ҳамеша ба талаботи муосир мутобиқат намекунад. Дар қонунгузории ҷиноятӣ, амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ ва фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ як қатор мушкилоти назариявӣ ва амалӣ, аз ҷумла ихтилофи мафҳумҳо, номуайянии унсурҳои таркиби ҷиноят, инчунин мушкилоти тахассусдиҳӣ ва татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ба ҳуқуқи миллӣ мавҷуданд.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, таҳқиқоти мазкур мубрам буда, ба ҳалли масъалаҳои муҳими илмӣ-амалӣ дар соҳаи мубориза бо ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ равона гардидааст.

Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дорои имконияти воқеии татбиқ дар амалияи фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҳуқуқтатбиққунанда мебошанд. Хулоса ва пешниҳодҳои таҳқиқот метавонанд дар фаъолияти қонунгузорӣ, ҳуқуқтатбиққунӣ, аз ҷумла дар кори мақомоти тафтишоти пешакӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва судҳо ҳангоми баррасӣ ва ошкорсозии ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ истифода шаванд.

Дар ҷараёни маҷлис аз ҷониби иштирокчиён д.и.ҳ., профессор Сафарбекзода Ҳ.С., н.и.ҳ., дотсент Абдураҳимзода С.Қ., н.и.ҳ., дотсент Аминзода А.Х., н.и.ф. дотсент. Субҳонзода С.И., ба унвонҷӯ саволҳо дода шуд, ки ба онҳо Ҳомидзода Ҷ.У. ҷавобҳои мукаммал дод.

Баъдан роҳбари илмии унвонҷӯ доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Назаров Аваз Кувватович баромад намуда, оид ба фаъолияти илмӣ – омӯзгории Ҳомидзода Ҷ.У., суханронӣ намуда, иброз дошт, ки унвонҷӯ қобилияти баланди эҷодӣ дошта, таҳқиқи диссертатсионӣ ҳамчун кори анҷомёфтаи илмӣ ба ҳисоб меравад ва мавзуи он барои татбиқи ҳадафҳои стратегии давлат мусоидат менамояд.

Диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мутобиқат карда, барои ҳимоя аз рӯйи ихтисоси мазкур тавсия дода мешавад.

Дар охир аз иштирокчиёни ҷаласа хоҳиш карда шуд, ки довталабро дастгирӣ намоянд.

Сипас, раисикунандаи ҷаласа н.и.ҳ., Ҷаборов Д.А., баромад намуда, диссертатсияро ҳамчун кори анҷомёфта ба ҳимоя тавсия намуд.

Дар муҳокимаи диссертатсия иштирокчиёни дигар, аз ҷумла н.и.ҳ., дотсент Раҳмонзода М.Ҷ. ва н.и.ҳ. дотсент Мирзозода Қ.Х., баромад намуда, ба унвонҷӯ тавсияҳои муфиди илмӣ доданд.

Баромадкунандагон дар рафти муҳокимаи диссертатсия муҳиммияти мавзуи таҳқиқро қайд карда, саҳми унвонҷӯро дар таҳқиқу баррасии масъалаҳои назариявӣ – методологӣ ва амалии мавзуи мазкур муҳим арзёбӣ намуданд.

Қайд карда шуд, ки Ҳомидзода Ҷ.У., муҳаққиқи пурмаҳсул буда, муаллифи 8 мақолаҳои илмӣ, иштирокчии конференсия ва семинарҳои илмӣ-амалӣ ва назариявии байналмилалию ҷумҳуриявӣ ва дохилидонишгоҳӣ мебошад.

Ҳамзамон, баромадкунандагон эродҳо ва андешаҳоеро изҳор доштанд, ки ба мушаххасу возеҳ баён намудани нуқтаҳои алоҳидаи диссертатсия, нисбатан муфассал шарҳ додани ҷанбаҳое, ки дар амалӣ намудани пешниҳодҳо ва тавсияҳои марбут ба таҳқиқи диссертатсионӣ мусоидат менамоянд.

Ҳомидзода Ҷонибек Убайд ба эродҳои баромадкунандагон ҷавобу шарҳҳои муфассал дод. Сипас, лоиҳаи хулосаи кафедра, ки дар асоси баромади баромадкунандагон омода карда шудааст, шунида шуд.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Ҳомидзода Ҷонибек Убайд дар мавзуи «Таҳқиқоти ҳуқуқӣ-ҷиноятии ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ кори тақиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Ҳомидзода Ҷонибек Убайд дар мавзуи «Таҳқиқоти ҳуқуқӣ-ҷиноятии ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ бо

дарназардоштиислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатии факултети сиёсат ва идораи давлатии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав санаи 03 феврали соли 2026 шуд.

Иштирок доштанд: 17 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «тарафдор» - 17 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

**Раискунандаи ҷаласа:**
**мудири кафедраи ҳуқуқ**
**ва идораи давлатӣ. н.и.ҳ.** **Ҷаборов Д.А.**

**Котиби ҷаласа:** **Давлатова М.Ҳ.**

**Имзоҳои Ҷаборов Д.А. ва Давлатова М.Ҳ.-ро**
**ТАСДИҚ МЕКУНАМ:**
**Сардори шуъбаи кадрҳо ва**
**корҳои махсуси МТД ДДБ**
**ба номи Носири Хусрав** **Нажмуддинов М.М.**
**«09» 02 2026 с.**

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Суроға: 735140, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ 67;
тел: 8(3222)2-54-81,2-22-53;
почтаи электронӣ- bgu-1978@mail.ru; сомона- www.btsu.tj;